


**23.03.2018 04:23, Иёлоти Муттахидаи Амрико**

Мухтарам чаноби Муовини Раиси Мачмаи Умумӣ,
Мухтарам чаноби Муовини Дабири Кулл,
Хонумон ва чанобон,

Имрӯз мо хамрох муколамаи нахустини худро, ки ба огози “Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” солхои 2018-2028” бахшида шуда буд, комгорона анчом додем.

Мухокима ва табодули васеи афкор миёни ширкаткунандагон нишон медихад, ки мо бояд саъйю талошамонро дар самтхои гуногун чихати таъмини сариватии ноилшавӣ ба вазифаву хадафхо дар сохаи захирахои об, чоннок намоем.

Зимнан, зарурати ба инобат гирифтани паёмадхои манфии тағйирёбии иклим, ки беш аз пеш рух медиханд, ба миён омадааст.

Мушохидахои чандинсолаи коршиносони мо аз пурзӯршавии таъсири тағйирёбии иклим ба табиат ва вазъи ичтимоиву иктисодии Точикистон ва Осиёи Марказӣ гувохӣ медиханд.

Мутобики ин мушохидахо, дар 60 соли ахир харорати миёнаи солонаи хаво дар Точикистон як дарача баланд шудааст; шумораи рӯзхо бо боришоти шадид афзудааст, пасомад ва шиддатнокии ходисахои гидрометереологии табиӣ зиёд шудааст.

Хамчунин дар Точикистон тайи солхои ахир шумораи офатхои табиии шадид бехад афзоиш ёфтааст.

Офатхои табиӣ ба монанди обхезӣ, сел, тармафаройӣ ва ярч хамасола ба ахолӣ ва иктисодиёти кишвар хисороти зиёд ворид мекунанд.

Тайи 5-6 соли охир шиддатнокии офатхои табиӣ дар Точикистон такрибан 25 фоиз зиёд шудааст.

Дар ин давра бар асари офатхои табиии гуногун такрибан 200 нафар ба халокат расида, шароити мусоиди зиндагии зиёда аз 100 хазор нафар тахти хатар монд ва маблаги умумии талафот аз 600 миллион доллари ШМА зиёд гардид.

Холати ногувор хусусан дар минтакахои кӯхии кишвар, ки 93 фоизи худуди умумии Точикистонро ташкил дода, ончо 80 фоизи ахолӣ зиндагӣ мекунад, ба мушохида мерасад.

Илова бар ин, таъсири манфии тагйирёбии иклим ба микдор ва сифати захирахои оби ошомиданӣ бештар зохир мегардад.

Дар Точикистон дар давоми дах соли ахир обшавии кобили мулохизаи хачми пиряххо, ки барои тамоми Осиёи Марказӣ ахаммияти хаётан мухим доранд, ба кайд гирифта шудааст.

Тагйирёбии давраи гидрологӣ ба амнияти обӣ, энергетикӣ ва озукаворӣ таъсири манфӣ расонида, сабабгори хатари иловагии обхезӣ ва хушксолии шадид мегардад.

Дар Осиёи Марказӣ, ки захирахои обӣ дар худуди бархе аз кишвархо ташаккул ёфта, истифодабарии кисми зиёди он ба дигар кишвархо рост меояд, муддатест зарурати тахияи стратегияи ягонаи минтакавии мутобикшавӣ ба тағйирёбии иклим ба миён омадааст.

Кохишёбии босуръати масохати пиряххои минтака, ки ба тағйирёбии иклим рабт дорад, мухиммияти чунин стратегияро таъкид менамояд.

Точикистон ба кабули чорахои мутобикшавӣ, ки чузъи мухимми рушди устувор ба хисоб меравад,  таваччухи хосса зохир мекунад.

Дар хотима мехостам ба тамоми ширкаткунандагони зиёфати имрӯза изхори миннатдорӣ намуда, ба хамаи шумо дастовардхои тоза орзӯ намоям.

Аз таваччухатон сипосгузорам.

**http://president.tj**